# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба диссертатсияи **Ализода Нусратулло Убайдулло** дар мавзуи "**Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

Бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002 аз 10.10.2025, №17.1 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ карда шуд: **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон – раиси комиссия, **Шарифхоҷаев Мирзохуҷа**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, узви комиссия, **Назаров Ҳотам Сарфарозович,** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, узви комиссия.

Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии **Ализода Нусратулло Убайдулло** дар шароити кунунӣ мубрам буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 05.03.2025 бо Суратҷаласаи №7 муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31–33 ва 53–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотии **Ализода Нусратулло Убайдулло** 13 номгӯи мақолаҳои илмӣ ба табъ расида мебошад, ки аз ин миқдор 6–тояшро маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7–тои боқимондаашро маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналимлалӣ ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот**. **Мақсади таҳқиқот -** муайян кардани ҳолати низоми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун қисмати муҳимми мустақилонаи раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси назария ва маҷмуи шароити педагогӣ

барои худтакмилдиҳии шахсият, нуқтаи назари озод ва доимо нав намудани босалоҳиятнокии худ.

**Дарҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** асоснокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқиро пайдарпайи, асоснокӣ, томият ва мухталиф набудани нуқтаи назари аввалаи назариявӣ-методологӣ, ки донишҳои гуногуни соҳаи донишро дарбар мегиранд (философӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ ва ғайраҳо), нишон медиҳанд; муносибати низоми ба омӯзиши мавзуи таҳқиқот; гузаронидани таҳқиқот дар як вакт дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ; гуногунии сарчашмаҳои истифодашуда ва якдигарро пурра кардани маълумот; ҳаҷми зарурии интихоб; дуруст истифода намудани методҳои назариявӣ ва озмоишии таҳқиқот, монандии мақсадҳо ва вазифаҳо; мустаҳкамии такроршавии натиҷаҳо, ки бо методҳои математикӣ тасдиқ карда шудаанд; дурустии амалиёти оморӣ; чопи мақолаҳо дар нашрияҳои илмӣ-методӣ, тезисҳо, маърӯзаҳо дар конференсияҳо ва ғайра.

**Навгонии илмӣ:**

- пояҳои назариявии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳия карда шуд, ки муҳтавои он дархосту тақозои муосирро ба раванди омӯзишу парвариш инъикос менамояд;

- сохти муҳтавоӣ ва сохти вазифавии педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш таҳия карда шуд;

- низоми педагогии таҳия кардашуда маҷмуи робитаҳои сохторӣ ва функсионалии қисматҳои муайянкунандаи ягонагии мустаҳкам, мукаммале мебошанд, ки барои расидан ба аҳдоф ва вазоифи баланд бардоштани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона карда шудааст;

- асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад;

- омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд, муайян ва ҳамзамон дар бораи онҳо маълумот дода шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асосҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ, ки

ақидаи аввалин, мақсад, вазифа, қонуният, принсипҳо, мазмун, технологияи амалӣ намудани ин равандро дар бар мегирад.

2. Низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки фаъолияти таълимӣ мебошад, роҳи инноватсионии амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогии раванди таҳқиқшавандаро кушода медиҳад.

3. Чунин низоми педагогӣ, ки аз маҷмуи сохтории ба ҳам алоқаманд ва қисматҳои функсионалию ягонагии мустаҳкамии том иборат аст ва мақсаду вазифааш баланд бардоштани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон мебошад.

4. Меъёрҳо (мотиватсионӣ–иродавӣ, тезчанголӣ ва равандноқӣ) ва нишондодҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ.

5. Маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки дар ин раванд истифода намудани имкониятҳои инноватсионии муассисаи таълимӣ, идораи раванди таълиму тарбия талаб дорад ва ҳоказоро дар бар мегирад.

6. Саҳми шахсии довталабро шароитҳои муносибати фардӣ-эҷодӣ, низоми методологӣ, назорат, мушоҳида, муқоисаи маълумот дар синфҳои озмоишӣ ва назоратии бадастомада, иштироки бевосита ба ҳайси роҳбарии гурӯҳи омӯзгоронро дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тасдиқ менамояд.

7. Татбиқи диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Соҳаи таҳқиқоти диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

***Банди 2.*** Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта); таърихи этнопедагогика, рушди лексика ва ***истилоҳшиносӣ).***

***Банди 3.*** Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои педагогӣ / шароитҳо / рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот).

***Банди 5.*** Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимои - фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои

гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; робитаи мутақобилаи тарбияи шахсият ва рушди коллектив (ҷамъият), ҳаракати бачагона ва созмонҳо, таҳсилоти иловагӣ хамчун воситаи тарбияи шахс).

***Банди 7.*** Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии муассисаҳои таълимӣ; тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳои он; фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ).

***Банди 8.*** Педагогикаи муқоисавӣ (ҳолат, қонуният ва тамоюлҳои рушди назария ва амалияи педагогӣ, назария ва амалияи таълим дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон; таносуби тамоюлҳои умумии рушди таҳсилот, хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, имкониятҳо, асосноккунӣ ва роҳу воситаҳои ғанисозии мутақобилаи низомҳои миллии таҳсилот тавассути истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, ошкорсозии таҷрибаи пешқадам дар соҳаи маориф).

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, ягонагии натиҷаҳо ва муқарраროти илмӣ барои ҳимоя ошкор гардидааст, ки аз саҳми шахсии муҳаққиқ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомномаи Шурои диссертатсиониро ба ҳисоб гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба **Ализода Нусратулло Убайдулло** чунин тавсия медиҳад:

а) диссертатсияи **Ализода Нусратулло Убайдулло** дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002 – и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Данғара интихоб карда шавад;

в) **ба сифати муқарризони расмӣ**: **Бозоров Хушвахт**, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; **Шарифиён Муқаддас Холиқзода**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ходими пешбари шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муайян карда шаванд;

г) барои дар Шуро муайян кардани вақти ҳимоя, ҷойгир кардани эълон, паҳн кардани автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор: Мирзоев А.Р.

Аъзои комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва
методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарифхоҷаев М.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Назаров Ҳ.С.

*“Имзоҳои А.Р. Мирзоев, М. Шарифхоҷаев ва Ҳ.С. Назаров- ро тасдиқ менамоям”.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

01.11.2025